**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ғаниева Малика Абдуқодировна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ)**

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд. Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши муҳимро мебозанд.

Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба назар гирифтани махсусияти касбиро ҳангоми омодакунии донишҷӯ, ҳадафгузории ӯро барои татбиқ намудани вазифаҳои фаъолияти ояндаи касбӣ тақозо мекунад. Қобилияти касбӣ ҳангоми тавсифи мутахассис нишондиҳандаи омодагии ӯ ба амалӣ кардани вазифаҳои касбӣ, кафолати самаранокии воқеии ӯ баромад мекунанд.

Роҷеъ ба ин масъала муаллифи диссертатсия чунин қайд менамояд, ки рақобатпазирии омӯзгори санъати тасвирӣ дар соҳаи касбӣ на танҳо бо тахассус, балки бо қобилияти ӯ дар шароитҳои ғайристандартии фаъолияти меҳнатӣ ҳал намудани вазифаҳои касбӣ-фаннӣ муайян карда мешавад. Қобилияти касбӣ ҳангоми тавсифи мутахассис нишондиҳандаи омодагии ӯ ба амалӣ кардани вазифаҳои касбӣ, кафолати самаранокии воқеии ӯ баромад мекунанд. Аз мушоҳидаҳои Ғаниева М.А. бармеояд, ки хатмкунандаи факултети санъати тасвирӣ ва технология, ки дар ӯ қобилияти педагогӣ ва тасвиркунӣ чандон ташаккул наёфтааст, барои додани дониши фаннӣ, кор бо коллектив, ташкил намудани фаъолияти таълимӣ, ҷалб кардани диққати хонандагон ва ғайра қобил нест ва ин дар маҷмӯъ ба сатҳу сифати омодагии хонандагон ва омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Афзудани маҳорат ва омӯзиши табиат - равандҳои комилан бо ҳам зич мебошанд, ки ботавозун дар рафти машғулиятҳо дар пленэр (ҳавои кушод) мегузаранд. Хусусиятҳои хосаи кор дар пленэр, ҳолатҳои гуногун дар табиат, ивазшавии мунтазами равшанӣ ва ғайра аз донишҷӯ қабули

фаъолонаи натура, диққати том, малакаи кор аз нақши хотира ва таассуротро талаб мекунанд. Имконияти интихоби мустақилонаи сабаб, маводи тасвирӣ аз ҷониби донишҷӯ, маҳдудияти вақт барои иҷро кардан ва ғайра аз донишҷӯ фаъол гардонидани донишу малакаҳои касбиро талаб мекунанд. Ҳамаи ин байни машғулиятҳо дар пленэр ва фанҳои дигари марҳилаи тавсиркашӣ тафовут мегузорад, раванди таълимиро дар пленэр аз нуқтаи назари ташаккули салоҳиятнокии барои фаъолияти омӯзгори санъати тасвирӣ зарурбуда фаъол ва беназир мегардонад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур ин масъалаи ташаккули салоҳиятнокиҳои педагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯёни факултаҳои санъати тасвирӣ ва технология дар таълими муассисаҳои олии таълими ҳалнашуда маҳсуб мешавад ва таҳқиқоти махсусро тақозо намуда, маҳз ҳамин аҳамияти диссертатсияи мазкурро инъикос мекунад.

Боиси қайд аст, ки дар автореферати диссертатсияи Ғаниева М.А. ҳадафи асосӣ ин муайян кардани шароитҳои педагогие, ки ба ташаккули салоҳиятнокии педагогӣ ва тасвиркашӣ мусоидат мекунанд, таҳия намудани усулҳое, ки наздик кардани вазифаҳои таълимии донишҷӯёни факултети СТ ва Т ба вазифаҳои касбии омӯзгори санъати тасвириро мусоидат мекунанд, таҳия намудани низоми талаботҳои баҳогузорӣ ва сатҳҳои ташаккули салоҳиятнокиҳои педагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯёни факултети СТ ва Т бо назардошти донишу малакаҳое, ки ба донишҷӯ дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва бадей-педагогӣ заруранд, таҳияи модели методии ташаккули салоҳиятнокиҳои педагогӣ ва тасвиркашии донишҷӯёни факултети СТ ва Т дар асоси усулҳои контекстӣ (матнӣ) ва амалӣ дар таълим қарор дода шуда, аз натиҷаи ҷамъбасти кор бармеояд, ки ба ҳадафҳои дар пеш гузошташуда расидааст.

Дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуқтаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажӯҳишоти оянда хоҳад буд.

1. Дар қисми нуқтаи ҳимояшавандаи автореферати диссертатсия номгӯи номги нуқтаҳо кам пешниҳод карда шудаанд, хуб мешуд боз ду-се нуқта илова карда шаванд.

2. Дар матни автореферати диссертатсия хатогиҳои имловӣ ба назар мерасанд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсияи Ғаниева М.А. таҳти унвони «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 –

Назария ва методикаи таҳсилоти омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсенти кафедраи
фанҳои ҷамъиятии факултети сиёсатшиносӣ ва МБ
«Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон» Салимзода Мадинахон Қодир

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, 17 мкр, бинои 1. Тел+992(3422)23811. моб.:+992(92992-19-79.
Вебсайт: www.tsulbp.tj
E-mail: Madina_opr@mail.ru

Имзои М.Қ. Салимоваро тасдиқ менамоям
Мудири РК ва КМ-и ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

19.11.2020 сол